# ДАСТУРАМАЛИ
## корҳои методӣ дар муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ

Дастурамали корҳои методӣ дар муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ», «Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2009, №300 тасдиқ шудааст ва Низомномаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикстон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №146 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шудааст ва мақсади он мутобиқи талаботи муосири фаъолияти таҳсилотӣ баланд бардоштани самаранокии кори методӣ дар соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ мебошад.

### 1. Муқаррароти умумӣ

1. Кори методӣ дар муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ низоми тадбирҳои бо ҳам алоқаманд мебошад, ки онҳо ба баланд бардоштани самаранокии раванди таълиму тарбия ва сифати таҳсилоти касбии хонандагони муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ мутобиқи талаботи бозори меҳнат нигаронида шудаанд.

2. Роҳбарии умумии корҳои методиро дар муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ муовини директор оид ба корҳои таълим ба амал мебарорад.

3. Банақшагирӣ ва ташкили кори методиро дар муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ методист амалӣ мекунад (замимаи 1).

4. Ширкат дар корҳои методӣ барои ҳамаи кормандони муҳандисӣ - омӯзгории муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ҳатмӣ мебошад ва ин ба ӯҳдадориҳои вазифавии онҳо дохил мешавад.

### 2. Мақсади асосӣ ва вазифаҳои кори методӣ дар муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ

5. Мақсади асосии кори методӣ ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои рушди инноватсионии муассисаи давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ, баланд бардоштани сатҳи тахассуснокӣ ва инкишоф додани маҳорати эҷодии кормандони муҳандисӣ - омӯзгорӣ, инчунин таъмин намудани самаранокии раванди таълиму тарбия мебошад.

6. Вазифаҳои асосии кори методӣ:

- ташаккул додани усулҳои омӯзонидани фанҳои таълимӣ ва истифодаи технологияи инноватсионии таълим;
- татбиқи фанҳои таълимӣ ва дигар намудҳои фаъолияти таълимӣ мувофиқи стандартҳои давлатии таҳсилоти ибтидоии касбӣ;

- фароҳам овардани шароити мусоид барои инкишофи маҳорати касбии ҳайати муҳандисӣ - омӯзгорӣ, эҷодкории омӯзгорӣ бо назардошти талаботи касбӣ ва имконияти онҳо;

- ташкил ва таъмини методикии фаъолияти таҷрибавӣ ва инноватсионии кормандони муҳандисӣ - омӯзгорӣ;

7. Кори методӣ метавонанд дар шаклҳои коллективӣ, гурӯҳӣ ва инфиродӣ гузаронида шавад. Ба шаклҳои коллективии кори методӣ комиссияҳои методӣ, семинарҳои омӯзишӣ, суҳбатҳои «Мизи мудаввар», конфронсҳои илмӣ - амалӣ, озмунҳо, бозиҳои амалӣ ва ғайра дохил мешаванд.

### 3. Шаклҳои коллективии корҳои методӣ ва мазмуни онҳо

8. Шакли асосии кори коллективии методӣ комиссияҳои методӣ мебошанд, ки дар сурати мавҷуд будани се нафар ё аз он бештари омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолии фанни (касби) муайян ё касбҳои ба ҳам наздик (гурӯҳҳои касбҳо) таъсис дода мешаванд. Комиссисияҳои методӣ ба сифати комиссияҳои фаннӣ (сиклӣ) ва байнифаннӣ таъсис меёбанд.

9. Дар муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ комиссияҳои методии зерин таъсис дода мешаванд:

- омӯзгорони фаннӣ (сиклӣ) гуманитарӣ, ки маҷмӯи фанҳои самти касбии табиӣ - риёзиро низ дар бар мегирад;

- омӯзгорони фанни (сикли) табиӣ - илмӣ, ки маҷмӯи фанҳои самти касбии табиӣ - риёзиро ҳам дар бар мегирад;

- омӯзгорони фанни (сикли) касбӣ - техникӣ, ки фанҳои таълимии системаи умумитехникӣ, соҳавӣ ва касбиро таълим медиҳанд.

- омӯзгорони фанҳои тахассусӣ ва устоҳои таълими исеҳсолӣ аз рӯйи як ё якчанд касбҳои бо ҳам алоқаманд (бо ҳам наздик).

10. Роҳбарии комиссияи методиро раис, ки аз байни омӯзгорони таҷрибадор ва соҳибкасб ё устоҳои таълими истеҳсолӣ интихоб карда мешавад, ба амал мебарорад.

11. Ҳайати шахсии комиссияҳои методӣ ва раисони он тибқи фармоиши директор ба муддати соли таҳсили ҷорӣ тасдиқ карда мешавад.

12. Комиссияҳои методӣ ба муддати як сол фаъолият мекунанд ва ҳар моҳ ҷаласаҳои худро мегузаронанд. Фаъолияти комиссияҳои методӣ шаклҳои корҳои коллективӣ ва инфиродиро дар бар мегирад. Муайян кардани мазмун, шакл ва методҳои корӣ, мустақилона аз ҷониби аъзои комиссияҳои методӣ дар алоқамандӣ бо шароити мушаххаси муассисаи таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва қобилияти шахсии кормандони муҳандисӣ - омӯзгорӣ сурат мегирад.

13. Барои ширкат дар кори комиссияҳои методӣ метавонанд кормандони илмӣ, мутахассисони корхонаҳо, муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ ҷалб карда шаванд.

14. Нақшаи кори комиссияи методӣ барои як сол, дар асоси ташхиси кор ва таҳлили натиҷаҳои фаъолияти илмӣ - истеҳсолии муассисаи

таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар соли гузашта тартиб дода мешавад.

15. Мазмуни асосии кори комиссияи методӣ иборат аст:

- ширкат дар раванди коркард ва омода гардонидани санадҳои таълимӣ - барномавӣ мутобиқи ҳуҷҷатҳои таълимӣ - барномавии намунавӣ;

- баланд бардоштани сатҳи маҳорати педагогӣ ва касбии омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ, инкишоф додани маҳорати эҷодкории омӯзгорӣ ва кӯмак расонидан ба кормандони муҳандисӣ - омӯзгорӣ дар раванди худомӯзии онҳо;

- ташаккул додани мазмуну мундариҷаи таълими касбӣ ва тибқи шароити муосири иҷтимоӣ - иқтисодӣ ба роҳ мондани он;

- таҳияи қисми тағйирёбандаи мазмуни таҳсилот, ки тахассуси хонандагонро дар шароити мушаххас муайян мекунад;

- интихоб намудани усулҳои самарабахши таълим, таъмини робитаи байниҳамдигарии тайёрии умумитаҳсилотӣ ва касбии хонандагон;

- омӯзиш ва дар раванди таълим истифода бурдани дастовардҳои омӯзгорӣ, аз ҷумла дастовардҳои технологияи иттилоотӣ;

- истифодаи оқилонаи шаклҳо ва методҳои анъанавӣ ва таҳияи шаклҳо ва методҳои нави таълими касбӣ;

- иҷрои корҳо оид ба таъмини пурраи методии раванди таълиму тарбия бо воситаҳои таълимӣ, коркард ва омодасозии тавсияҳои методӣ, маводи дидактикӣ, тартиб додани шиносномаҳои пурраи таъминоти методии фанҳо ва касбҳо;

- коркарди маводи таълимӣ (воситаҳои таълимӣ - тарбиявӣ, методикаҳои ҷузъӣ, матни лексияҳо, маводи дидактикӣ ва ғайра);

- таҳлили вазъ ва натиҷаҳои раванди таълимӣ - тарбиявӣ, сифати дониш, қобилият ва маҳорати хонандагон, сатҳи тарбиятгирии онҳо;

- таҳлили натиҷаҳои назорати дохилитаълимгоҳӣ, таҳияи пешниҳодҳо ва тавсияҳои мушаххас оид ба беҳтар намудани таълими фанҳои алоҳида;

- ёфтан, омӯхтан, ташаккул додан ва паҳн кардани таҷрибаи пешқадами омӯзгорӣ;

- таҳлили натиҷаҳои такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва таҷрибаомӯзии кормандони муҳандисӣ - омӯзгорӣ ва татбиқи дониши андӯхта дар раванди таълим;

- ташкили роҳнамоии омӯзгорӣ, расонидани кӯмак ба кормандони навкори омӯзгорӣ дар тайёр намудан ва гузаронидани дарсҳо, инчунин чорабиниҳои беруназдарсӣ, ташкили ширкат ба дарсҳои ҳамдигар, дарсҳои кушод ва муҳокимаи онҳо;

- ташкил ва гузаронидани озмунҳо, олимпиадаҳои фаннӣ ва касбӣ, семинар - машғулиятҳо, мактаби таҷрибаи пешқадам, конфронси хонандагон, чорабиниҳо оид ба ихтироъкорӣ ва кашфиёт.

16. **Машваратҳои методии** роҳбарони муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ бо кормандони муҳандисию омӯзгорӣ бо мақсади ҳаллу фасли таъҷилии масъалаҳои ҷорӣ оид ба ташкили фаъолияти таълимӣ - истеҳсолӣ ва муҳокимаи маводи нави

методӣ, меъёрӣ ва дастурӣ гузаронида мешаванд. Дар машваратҳои методӣ аъзои ҳамаи комиссияҳои методӣ иштирок мекунанд.

17. Машваратҳои методӣ вобаста бо мақсад ва муҳтавои масъалаҳои баррасишаванда бо иштироки ҳайати пурраи коллективи меҳнатӣ ё гурӯҳҳои алоҳидаи кормандон доир карда мешаванд.

18. Мазмуни асосии кори машваратҳои методӣ чунин аст:

- баррасии ҳуҷҷатҳо (фармоишҳо, қарорҳо, санадҳои дастуротии мақомоти болоӣ ва ғайра), маводи таълимӣ - методӣ (мактубҳои дастурӣ - методӣ, қоидаҳо, қарорҳои Шӯрои методӣ), дигар ҳуҷҷатҳои хусусияти методидошта;

- баррасии масъалаҳои кори методӣ, ки барои ҳамаи кормандон ва тамоми комиссияҳои методӣ умумӣ мебошанд (эътирофи таҷрибаи пешқадами омӯзгорӣ, гузариш ба шаклҳои инноватсионии корӣ ва ғайра).

19. **Хонишҳои омӯзгорӣ** яке аз шаклҳои оммавии тарғиби дастовардҳо ва инноватсия дар соҳаи кори методӣ мебошанд, ки кормандони муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбиро муттаҳид мекунанд. Хонишҳои омӯзгорӣ (конфронсҳо) чун қоида аз рӯйи ҷамъбасти нимсолаи якуми соли таҳсил (январӣ) ва дар давраи омодагирӣ ба соли нави таҳсил (августӣ) гузаронида мешаванд.

20. Вазифаҳои хонишҳои омӯзгорӣ:

- паҳн намудани таҷрибаи пешқадами омӯзгории кормандони муҳандисӣ - омӯзгорӣ ва роҳбарони муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ, мусоидат ба тарғибу татбиқи он дар амалияи оммавии раванди таълимӣ - тарбиявӣ ва кори методӣ;

- мусоидат ба ташаккулёбии илмӣ - методии маҳорати касбӣ, рушди ташаббуси эҷодӣ ва шавқу рағбати илмии омӯзгорон, устоҳои таълими истеҳсолӣ, роҳбарон ва методистон;

- ҷалб намудани омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ ба раванди коркарди илмӣ - методии масъалаҳои рӯзмарраи муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ, ширкат дар ташкил ва баргузор намудани таҷрибагузарониҳои омӯзгорӣ.

21. **Мактаби таҷрибаи пешқадам** яке аз шаклҳои нисбатан фаъолонаи тарғиб ва паҳнкунии таҷрибаи пешқадам мебошад. Мактаби таҷрибаи пешқадам ба устоҳои таълими истеҳсолӣ, омӯзгорон ва дигар гуруҳҳои кормандон имкон медиҳад, ки шаклҳо, методҳо ва усулҳои пешқадами кор дар устохона, синфхонаи таълимӣ, яъне шароити амалиро омӯзанд ва татбиқ кунанд.

Мактабҳои таҷрибаи пешқадам метавонанд ҳам бо ташаббуси мақомоти болоӣ ва ҳам бо ташаббуси муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ, ки манфиати умумии соҳаи кори инноватсионӣ онҳоро муттаҳид мекунад, ташкил карда шаванд.

Дар мактабҳои таҷрибаи пешқадам шаклҳо ва методҳои гуногуни кор: баромадҳои роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, гузаронидани дарсҳои кушод ё ширкат дар силсилаи машғулиятҳои дарсӣ истифода бурда шаванд.

22. **Конфронси илмӣ - амалӣ** шакли самараноки кори методӣ оид тарғиб ва истифодабарии натиҷаҳои таҷрибаи пешқадами омӯзгорӣ ва истеҳсолӣ, адабиёти методӣ маҳсуб меёбад. Мақсади ассии конфронси илмӣ - амалӣ дар амал татбиқ намудани дастовардҳои илми педагогӣ мебошад. Конфронсҳои илмӣ - амалӣ бо ташаббуси ҷамъиятҳои илмӣ ва таълимии ҷумҳуриявӣ гузаронида мешаванд.

23. Бо мақсади иттилоонии таъҷилии кормандони муҳандисӣ - омӯзгории муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз дастовардҳои навтарини илму техника, таҷрибаи пешқадами омӯзгорӣ ва истеҳсолӣ, дар ҳар семоҳа ташкил ва доир намудани **Рӯзи иттилоот**, ки заминаи онро ду омили асосӣ: азназаргузаронии адабиёти методии нав воридшуда ва тарғиби натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, таҷрибаи пешқадами омӯзгорӣ ва истеҳсолӣ ташкил медиҳанд, тавсия дода мешавад.

24. Дар муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ метавонанд **гурӯҳҳои муваққатии эҷодӣ** аз ҳисоби омӯзгорон, устоҳои таълими истеҳсолӣ, роҳбарони синфҳо, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва дигар шахсони босалоҳият, ки онҳоро мақсади ягона: ба иҷро расонидани ин ё он вазифаи таълимӣ - методӣ, илмӣ - методӣ, таълимӣ - тарбиявии дар раванди рушди муассисаи таълимӣ бамиёномада ва иҷрои таъҷилиро тақозодошта муттаҳид гардонидааст, таъсис дода шаванд.

## 4. Шаклҳои инфиродии корҳои методӣ

25. Корҳои инфиродии методӣ аз ҷониби ҳар як корманди педагогӣ ба нақша гирифта мешаванд. Мақсад ва мазмуни корҳои методии кормандони муҳандисӣ - омӯзгорӣ бояд бо мақсад ва мавзуъҳои методии муассисаи таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ мутобиқ бошанд.

26. **Худомӯзӣ** - ҳамчун шакли инфиродии кори методӣ, қисми таркибии таҳсилоти билфосилаи роҳбарон ва кормандони муҳандисӣ - омӯзгории муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ мебошад.

27. Самтҳои умумии худомӯзӣ:

- баланд бардоштани сатҳи тахассуснокӣ бо роҳи аз худ кардани дониш ва таҷрибаи пешқадами навтарин дар соҳаҳои омӯзгорӣ, равоншиносӣ, методика ва ташкили раванди таълим ва тарбияи хонандагон;
- такмил додани омодагии назариявӣ ва касбӣ аз рӯйи тахассус ва фан, бо роҳи азхудкунии донишҳои навтарини илмӣ - техникӣ ва дастовардҳои соҳаи марбутаи илмӣ, техникӣ, технологӣ, иқтисод ва ташкили меҳнат, идоракунӣ ва истеҳсолот;
- васеъ намудани доираи ҷаҳонбинии умумифарҳангӣ ва баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии умумӣ тибқи дархост ва манфиатҳои шахсӣ, ки ба инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият мусоидат менамоянд.

28. Методҳои асосии худомӯзӣ:

- омӯзиши мустақилонаи адабиёти илмӣ - омӯзгорӣ ва тавсияҳои методӣ;
- ширкат дар тамоми шаклҳои корҳои методии муассисаи таълимӣ;

- омӯзиши таҷрибаи пешқадами омӯзгорӣ дар низоми таҳсилоти ибтидоии касбӣ бадастомада;

- иштирок дар машғулиятҳои дарсии байниҳамдигарӣ ва таҳлили дарсҳои кушод;

- таҳлили кори худ ва натиҷаҳои он, ширкат дар кори таҷрибавии муассисаи таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои илмӣ доир карда мешавад;

- коркарди мавод оид ба таъмини пурраи методии фанҳо ва касбҳо, омодасозии рефератҳо, маводи методӣ, маърӯзаҳо, лексияҳо ва ғайра.

29. Натиҷаҳои худомӯзӣ, коркарди мустақилона (тавсияҳои методӣ, методикаи ҷузъӣ, маводи дидактикӣ, таҷрибаи пешқадами педагогӣ, рефератҳо ва маърӯзаҳо) мебошанд, ки дар ҷаласаҳои комиссияҳои методӣ баррасӣ мегарданд ва дар кабинетҳои методии муассисаи таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ маҳфуз мебошанд (замимаи 2).

## 5. Банақшагирӣ ва баҳисобгирии корҳои методӣ

30. Банақшагирии корҳои методӣ дар муассисаи давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар заминаи ташхис, дар шакли Нақшаи ягонаи корҳои методии муассиса барои як соли таҳсил сурат мегирад. Нақшаи ягонаи корҳои методӣ қисми мустақили нақшаи корӣ мебошад, ки чорабиниҳои мушаххасро мутобиқи самтҳои асосии кори методӣ, бо нишон додани масъулин ва муҳлатҳои мушаххаси иҷро дар бар мегирад.

31. Нақшаи корҳои методӣ дар ҷаласаи Шӯрои омӯзгорӣ муҳокима мегардад ва аз ҷониби директори муассиса тасдиқ карда мешавад.

32. Назорати иҷрои нақшаи корҳои методӣ аз ҷониби муовини директор оид ба корҳои таълим таъмин карда мешавад.

33. Методисти муассисаи давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ корҳои методиро ташкил мекунад ва барои пеш бурдани корҳои методӣ мутобиқи ҳамин Дастурамал масъул мебошад.

34. Рӯйхати парвандаҳо оид ба корҳои методӣ:

- ҳуҷҷатҳои меъёрӣ - ҳуқуқӣ ва дастурӣ - методӣ (фармоишҳо, қоидаҳо, амрҳо, мактубҳои дастурдиҳӣ оид ба корҳои методӣ);

- ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба татбиқи барномаҳои таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ;

- нақшаи кори Шӯрои методӣ, комиссияҳои фаннӣ (сиклӣ) барои соли таҳсил, ҳисоботи нимсола ва солона, инчунин суратҷаласаҳои онҳо;

- нақшаҳои дурнамо оид ба такмили ихтисос;

- мавод дар бораи озмунҳои касбӣ;

- мавод дар бораи ҷамъбаст ва паҳн кардани таҷрибаи пешқадами педагогӣ;

- дастурҳои таълимӣ - методии аз ҷониби кормандони муҳандисӣ - омӯзгории муассисаи давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ омодагардида.

Замимаи 1

**Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои вазифавии методисти муассисаи давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ**

1. Методисти муассисаи давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ташкилкунандаи корҳои методӣ мебошад ва бевосита таҳти роҳбарии муовини директор оид ба корҳои таълимӣ - истеҳсолӣ фаъолият мекунад.

2. Методисти муассисаи давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз байни кормандони тахассусноки муҳандисӣ - омӯзгорӣ, ки дорои маълумоти олӣ ва собиқаи кории на кам аз 5 сол дар муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ё дигар ташкилотҳои таҳсилоти касбӣ мебошад, таъин карда мешавад.

3. Вазифаи асосии методисти муассисаи давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ташкил кардани ҳамаи шаклҳои корҳои методии мусоидаткунанда барои баланд бардоштани сатҳи тахассуси касбии кормандони муҳандисӣ - омӯзгорӣ ва рушди маҳорати эҷодкории омӯзгорӣ мебошад.

4. Методисти муассисаи давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ҳуқуқ дорад:

- узви Шӯрои муҳандисӣ - омӯзгорӣ интихоб гардад;
- дар тақсимоти сарбории педагогии омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ ширкат кунад;
- дар машғулиятҳо, имтиҳонҳо ва тафтиши ҳуҷҷатҳои таълимӣ - методии кормандони муҳандисӣ - омӯзгорӣ иштирок намояд;
- корҳои марбут ба назорати фаъолияти кормандони муҳандисӣ - омӯзгориро анҷом диҳад;
- дар кори комиссияи аттестатсионӣ иштирок кунад;
- барои ҳавасманд ё муҷозот кардани кормандони муҳандисӣ - омӯзгорӣ таклифу пешниҳодот ба миён гузорад;
- тибқи тартиби муқарраргардида аз рӯйи маълумоти заминавии худ бо хонандагон машғулиятҳои дарсӣ гузаронад;
- сатҳи ташкили раванди таълими назариявӣ ва истеҳсолиро таҳти назорат қарор диҳад;

5. Ӯҳдадориҳои вазифавии методист:

- нақшаи ягонаи корҳои методии муассисаи таълимиро таҳия мекунад;
- ба раисони комиссияҳои методӣ дар коркарди ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи фаъолияти комиссияи методӣ ва ташкили корҳои мунтазами комиссияи методӣ кӯмак мерасонад;
- дар раванди омодагирӣ ва баргузор намудани ҷаласаҳои омӯзгорӣ (методӣ) иштирок мекунад;
- кормандони муҳандисӣ - омӯзгориро барои ширкат намудан дар чорабиниҳои оммавии методӣ, ки аз ҷониби Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ - методӣ ва мониторинги сифати таълим»-и Вазорати

меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ва гузаронида мешаванд, тайёр мекунад;

- фаъолияти кормандони муҳандисӣ - омӯзгориро дар самти баланд бардоштани сифати таҳсилоти касбӣ тибқи талаботи стандарти давлатии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва бозори меҳнат ба роҳ мемонад;

- кори комиссияҳои методӣ ва коллективҳои эҷодиро дар самти ташаккул додани мазмун, шакл ва методҳои таълим ташкил мекунад;

- дар раванди омода намудани нақша ва барномаҳои таълимӣ барои тайёр кардани коргарони ихтисоснок дар муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ иштирок мекунад;

- корро оид ба омӯзиши амалияи татбиқи санадҳои таълимӣ - барномавӣ ва адабиёти методӣ ташкил мекунад;

- дар раванди таҳияи санадҳои низоми назорат ва омӯзиш, таҳлил ва баҳогузории сифати таълим дар муассисаҳои давлатии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ иштирок мекунад;

- корро оид ба таъминоти пурраи методии фанҳо ва касбҳо ташкил мекунад ва дар таҳияи шиносномаҳои таъминоти пурраи методӣ иштирок мекунад;

- дар ҳамдастӣ бо мудири китобхонаи муассисаи таълимӣ иттилооти илмӣ - техникӣ, адабиёти таълимӣ ва методии нави ба фонди китобхонаи муассисаи таълимӣ воридгардидаро тарғибу ташвиқ мекунад;

- корро оид ба ошкор намудан, ташаккул додан, омӯхтан ва паҳн кардани таҷрибаи пешқадам ва рушди маҳорати эҷодкории омӯзгорӣ ташкил мекунад;

- ба кормандони муҳандисӣ - омӯзгорӣ дар омодагирӣ ба машғулиятҳои дарсии бо истифода аз технологияи нави омӯзгорӣ доиршаванда кӯмак мерасонад;

- дар раванди ташкил ва гузаронидани дарсҳои кушод иштирок мекунад;

- корро оид ба расонидани кӯмаки методӣ ба омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолии ҷавон ташкил мекунад;

- дар дарсҳои назариявӣ ва амалӣ ширкат мекунад ва натиҷаҳои дарсҳои мазкурро мавриди таҳлил қарор медиҳад;

- дар раванди ташкил ва гузаронидани хонишҳои омӯзгорӣ, озмун-азназаргузаронҳои маҳорати касбӣ, конфронсҳои омӯзгорӣ ва илмӣ - амалӣ иштирок мекунад.

5. Методисти муассисаи давлати таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ бояд донад:

- Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои таҳсилот, тарбия, ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон ва наврасон;

- қарорҳои Ҳайати мушовара, фармоишҳои Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастурамал ва

қоидаҳо оид ба фаъолияти муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ;

- асосҳои омӯзгорӣ, омӯзгории истеҳсолӣ, равоншиносии омӯзгорӣ;
- дастовардҳои илм ва таҷрибаи пешқадами омӯзгории ҷаҳонӣ, ватанӣ ва равоншиносии идоракунӣ;
- самтҳои асосии рушди минбаъдаи муассисаҳои давлатии таълимии низоми таҳсилоти ибтидоии касбии техникӣ ва соҳаҳои иқтисод, ки барои онҳо коргарони ихтисоснок тайёр карда мешаванд.

Замимаи 2

**Тавсияҳо**
**оид ба ташкили кабинети методӣ дар**
**муассисаи давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ**

1. Кабинети методӣ маркази корҳои методӣ маҳсуб меёбад ва фаъолияти самарабахш ва мунтазами касбии кормандони муҳандисӣ - омӯзгории муассисаи давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбиро таъмин менамояд. Он қисми таркибии низоми корҳои методӣ, заминаи иттилоотӣ - методӣ барои расонидани кӯмак ба кормандони муҳандисӣ - омӯзгорӣ дар такмили ихтисоси онҳо маҳсуб меёбад.

2. Фаъолияти кабинети методиро мудири кабинети методӣ - методист ба роҳ мемонад.

3. Роҳбарии умумӣ ва назорати кабинети методиро муовини директор оид ба корҳои таълим ба амал мебарорад.

4. Вазифаҳои кабинети методӣ:

- расонидани кӯмаки ташкилӣ - методӣ ва илмӣ - методӣ ба кормандони муҳандисӣ - омӯзгорӣ дар пеш бурдани фаъолияти омӯзгорӣ оид ба татбиқи стандартҳои давлатии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва барномаҳои иҷтимоӣ - педагогии ташаккули шахсияти хонандагон;
- баланд бардоштани сатҳи маҳорати касбии кормандони муҳандисӣ-омӯзгорӣ.

5. Фаъолияти кабинети методӣ мутобиқи самтҳо ва нақшаҳое, ки барои соли таҳсил таҳия карда шуда, дар ҷаласаҳои Шӯрои методӣ баррасӣ мегарданд ва аз ҷониби муовини директор оид ба корҳои таълим тасдиқ карда мешаванд, роҳандозӣ мегардад.

6. Ҳисобот дар бораи фаъолияти кабинети методӣ ба таври мунтазам дар ҷаласаҳои Шӯрои муҳандисӣ - омӯзгории муассисаи таълимӣ мавриди муҳокима қарор дода мешавад.

7. Бо дастури директори муассисаи таълимӣ дар назди кабинети методӣ метавонанд иттиҳодияҳои доимӣ ё муваққатии кормандони муҳандисӣ - омӯзгории эҷодкор, ки фаъолияти инноватсионӣ ё илмӣ - методиро ба амал мебароранд, таъсис дода шаванд.

8. Самтҳои асосии фаъолияти кабинети методӣ:

- оммавӣ гардонидани фаъолияти муосири омӯзгорӣ;

- таъмини кори семинарҳои омӯзгорӣ, машғулиятҳои амалӣ, конфронсҳо, хонишҳои омӯзгорӣ, ки мақсади ташаккул додани фаъолияти касбии кормандони муҳандисӣ - омӯзгориро доранд;

- баргузор намудани азназаргузаронии ҳарсолаи корҳои методӣ;

- гузаронидани машваратҳои гурӯҳӣ ва инфиродӣ оид ба масъалаҳои умумӣ ва ҷузъии равоншиносӣ - омӯзгорӣ, дидактикӣ ва дигар масъалаҳо;

- коркард, ҷамъоварӣ ва ба низом даровардани санадҳои меъёрӣ, ки фаъолияти таҳсилотиро дар соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ танзим мекунанд, адабиёти илмӣ ва методӣ, нашрияҳои даврии мавзӯӣ, инчунин коркардҳои беҳтарини методӣ оид ба шаклҳои самараноки фаъолияти таълимӣ ва тарбиявӣ;

- иттилоонии таъҷилӣ аз моҳият ва самтҳои рушди таҳсилоти ибтидоии касбӣ, фаъолияти инноватсионӣ, технологияи нави омӯзгорӣ ва ғайра;

9. Кабинети методӣ дар ҳуҷраи махсуси таҷҳизонидашуда, ки барои гузаронидани шаклҳои инфиродӣ ва гурӯҳии кор бо кормандони муҳандисӣ - омӯзгорӣ пешбинӣ гардидааст, ҷойгир карда мешавад.

10. Кабинети методӣ бо воситаҳои техникии коммуникатсионии муосир ва асбобу анҷоми барои пеш бурдани фаъолияти мунтазам зарурӣ таҷҳизонида мешавад.

11. Кабинети методӣ дорои ҳуҷҷатҳои зерини меъёрии таълимӣ - барномавӣ, илмӣ - методӣ, сарчашмаҳои ҳозиразамони иттилоотӣ ва воситаҳои айёнӣ мебошад:

- ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, аз он ҷумла санадҳои дохилимуассисавӣ, ки фаъолияти таҳсилотиро дар муассисаи таълимӣ танзим менамоянд;

- намунаҳои таҳия кардани ҳуҷҷатҳои таълимӣ (накшаҳои тақвимӣ - мавзӯӣ, ҷадвалҳои технологии соат ба соат, варақаҳои махсуси ҳисоботӣ ва ғайра);

- адабиёти илмӣ - омӯзгорӣ, нашрияҳои даврии мавзӯӣ;

- таъминоти методӣ, рӯйхати тавсиявии адабиёт оид ба масъалаҳои мубрами рӯзи таълим ва тарбия, мавзӯъҳои семинарҳои доимоамалкунандаи омӯзгорӣ (ё дигар шаклҳои баланд бардоштани сатҳи маҳорати касбии кормандони муҳандисию омӯзгорӣ);

- коркардҳои методии кормандони муҳандисию омӯзгорӣ оид ба масъалаҳои умумӣ ва ҷузъии раванди таълиму тарбия, тавсияҳо дар бораи татбиқи амалӣ;

- маводи айёнӣ, ки моҳияти фаъолияти кабинети методиро нишон медиҳад.